# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ)**

Нақши воситаҳои ахбори омма аз замони пайдоиш то имрӯз дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ бисёр муҳим арзёбӣ шуда, дар ташаккули афкори ҷомеа, пешрафт ва рушди кишварҳо саҳми шоиста гузоштаанд. Аз ин рӯ, фаъолияти расонаҳо ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимми ҷомеа маънидод гардида, ба қудрат ва таъсири онҳо дар кишварҳои ҷаҳон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Дар шароити муосир, ки бо рушди босуръати техника ва технологияҳои иттилоотӣ тавсиф мешавад, нақш ва таъсиррасонии расонаҳо боз ҳам бештар гардидааст. Онҳо метавонанд ба афкори умум таъсири амиқ расонда, самт, ҳадаф ва равандҳои иҷтимоиро муайян созанд.

Ҳамзамон, кишварҳои пешрафта тавассути расонаҳо афкори оммаро идора намуда, ҳадафҳо ва манфиатҳои худро тарғиб мекунанд. Мусаллам аст, ки дар замони муосир расонаҳо барои давлатҳои абарқудрат ҳамчун фишанги муҳим хидмат намуда, дар фазои байналмилалӣ тавассути пахш ва таҳлили иттилоот таъсири назаррас мерасонанд.

Дар баробари ин, аз лиҳози касбӣ ва сатҳи бозтоби воқеият, расонаҳои байналмилалӣ дар сатҳи баланд қарор дошта, омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқи фаъолияти онҳо яке аз масъалаҳои мубрами илми журналистикаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Ин омил, аз як тараф, метавонад таҷрибаи амалӣ барои расонаҳои миллӣ фароҳам орад, аз ҷониби дигар, имкони шиносоӣ бо усул ва тарзи фаъолияти онҳоро ба таври дақиқу илмӣ муҳайё созад.

Мавзуи диссертатсияи муҳаққиқ Анҷум Маҳмуд Аҳмад «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми журналистикаи муосир иртибот дошта, аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти хос дорад.

Аз мутолиаи автореферат бармеояд, ки муқаддима тибқи талаботи илмӣ таҳия гардида, дар он мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои пажуҳиш, навгониҳои илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии кор, инчунин, муҳимтарин нуктаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд, ба таври мушаххас баён гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ асоснок буда, мавриди таҳлил ва баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Боби аввали диссертатсия «Омилҳои таъсиси расонаҳои байналмилалӣ» унвон гирифта, аз ду фасл иборат мебошад. Фасли аввал «Муруре ба таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ» ном дошта, дар он масъалаҳои марбут ба таърих, ташаккул ва рушди расонаҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар заминаи омӯзиш ва таҳлили манбаъҳои илмӣ доир ба пайдоиш ва инкишофи

аввалин расонаҳо маълумот пешниҳод намудааст. Ҳамчунин, заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоиши расонаҳои байналмилалиро баррасӣ намуда, вобаста ба ҳар яке аз онҳо маълумоти зарурӣ ироа кардааст. Аз ҷумла, оид ба фаъолияти агентиҳои иттилоотии маъруф, ба мисли «Франс Пресс», «Ассошиэйтед Пресс», «Рейтер», «Дойче Прессе-Агентур», Агентии иттилоотии «Синхуа», инчунин, ширкатҳои радио ва телевизионии «Би-Би-Си», «Мавҷи Олмон», радиои «Озодӣ» ва ғайра маълумот пешниҳод гардида, нақши онҳо дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон дода шудааст. Ҳамзамон, фаъолияти расонаҳо – Агентии иттилоотии Ҷумҳурии Исломии Эрон (ИРНА), Агентии иттилоотию телеграфии Русия (ИТАР-ТАСС), «РИА Новости», «Россия сегодня» ва монанди инҳо низ мавриди баррасӣ қарор гирифта, саҳми онҳо дар фазои иттилоотии минтақа арзёбӣ гардидааст.

Фасли дуюми боби аввал «Таърихи таъсис ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»» унвон дошта, бевосита ба таҳлили марҳалаҳои ташаккул ва рушди ин расона бахшида шудааст. Дар ин фасл муаллиф ба таври муназзам раванди пайдоиш, ташаккул ва рушди ширкати мазкурро таҳлил намуда, марҳалаҳои асосии инкишофи онро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия «Расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ» ном дошта, аз фаслҳои «Ҳадаф ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ» ва «Фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон» таркиб ёфтааст. Дар ин боб масъалаҳои вобаста ба фаъолияти расонаҳои хориҷӣ дар кишварҳои минтақа таҳлил шуда, нақши ин расонаҳо дар бозтоби воқеият, интиқол ва паҳн намудани иттилоот ба ҷомеа мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Ҳамчунин, муҳаққиқ дар натиҷаи таҳқиқ ба хулосае омадааст, ки фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар кишвар асосан ду самтро дар бар мегирад. Самти аввал ба пахши барномаҳо бо забони тоҷикӣ, махсусан, дар давраи Шуравӣ марбут мебошад. Самти дуюм бошад, ба фаъолияти мустақими ин расонаҳо дар Тоҷикистон, аз ҷумла, таъсиси намояндагиҳо ва таъйини хабарнигорон дар қаламрави кишвар иртибот дорад. Ҳангоми таҳлил ва баррасии масъала муҳаққиқ фаъолияти як қатор расонаҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз қабили «Радиои Аврупои Озод» / «Радиои Озодӣ», «Би-Би-Си» ва «Мавҷи Олмон»-ро дар муқоиса мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия «Вазифа ва ҳадафҳои барномаҳои ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»» унвон дошта, аз ду фасл – «Ҳадаф ва вазифаҳои барномасозӣ дар ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон”» ва «Ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон” – сарчашмаи маълумот барои расонаҳои дигар» иборат мебошад.

Дар фасли аввали ин боб масъалаҳои марбут ба ҳадафҳои фаъолияти ширкати мазкур, принсипҳои таҳия ва омода намудани барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ, инчунин, тарзи пешниҳоди мавод ва услуби забонии онҳо мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Муаллиф ҷанбаҳои муҳимми барномасозӣ, аз ҷумла, интихоби мавзуъ, таҳияи мавод ва роҳҳои таъсиррасонӣ ба шунавандаву бинандаро таҳлил намудааст. Ба

таъкиди муҳаққиқ, то соли 2018 ширкати «Мавҷи Олмон» дорои 1500 корманд ва 1500 фрилансер (ҳамкори ғайриштатӣ) буда, дар беш аз 60 кишвари ҷаҳон намояндагӣ доштааст. Ҳамзамон, ширкати мазкур барномаҳои худро ба зиёда аз 30 забон пешниҳод менамояд. Инчунин, маълумоти оморӣ дар шакли ҷадвалҳо пешниҳод гардида, паҳншавии расонаҳои байналмилалӣ дар ҷаҳонро ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки ҷолиби диққат аст.

Дар фасли дуюми боби сеюм истифодаи мавод ва матолиби «Мавҷи Олмон» дар расонаҳои Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Муҳаққиқ барои таҳкими андешаҳои худ намунаҳои мушаххаси хабарҳоро, ки дар расонаҳои Тоҷикистон бо истинод ба ин манбаъ истифода шудаанд, мавриди таҳлил қарор додааст. Натиҷаи таҳлил нишон медиҳад, ки ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон» дар фазои иттилоотии Тоҷикистон мавқеи хос дошта, ҳангоми омода намудани мавод мавқеи бетарафии касбиро риоя намуда, иттилоотро ба таври дақиқ ва муътамад пешниҳод менамояд.

Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқ дар 10 банд ҷамъбаст гардида, мазмун ва дастовардҳои асосии пажуҳиши муаллифро инъикос мекунанд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ низ аҳаммияти мавзуъро бозтоб намуда, барои рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ ва такмили фаъолияти расонаҳои миллӣ аҳаммияти назаррас доранд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муҳаққиқ ҳангоми анҷом додани таҳқиқ аз адабиёти фаровони илмӣ истифода бурда, онҳоро дар мавриди зарурӣ ва бо таҳлили амиқ корбаст намудааст, ки аз сатҳи баланди илмии пажуҳиш шаҳодат медиҳад. Автореферати диссертатсия бо забони хуби илмӣ таълиф гардида, нишон медиҳад, ки муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ заҳмати зиёд кашида, мавзуъро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар автореферат дар баробари комёбиҳо ва дастовардҳо, баъзе нуктаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо метавонад сифати илмии корро боз ҳам беҳтар намояд:

1. Боби якум бештар ҷанбаи маълумотӣ касб кардааст. Агар ҳангоми пешниҳоди мавод аз усулҳои таҳлилӣ ва қиёсӣ васеътар истифода бурда мешуд, сатҳи илмии диссертатсия боз ҳам баландтар мегардид.
2. Ҳангоми таҳияи автореферат беҳтар мебуд, ки таносуби ҳаҷми фаслҳо ба назар гирифта шавад. Масалан, фасли аввали боби дуюм нисбат ба дигар фаслҳо кӯтоҳтар ба назар мерасад.
3. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд (аз ҷумла, дар саҳифаҳои 7, 8, 10, 12, 16, 19).

Бояд таъкид намуд, ки камбудиҳои зикршуда хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиши илмӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои автореферат, ки бо ду забон – тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, ба ҳам мутобиқати комил дорад. Мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷмуъ, 8 ададро ташкил медиҳанд, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони «Мавҷи Олмон»)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051600 – рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – рӯзноманигории байналхалқӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои филологӣ,
ҷонишини сармуҳаррири
Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» Охунзода Н.
19 марти соли 2026.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126
Тел.: (+992) 93-100-45-00.
E-mail: nasriokhun@mail.ru

Имзои Охунзода Н.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси кадрҳо, коргузорӣ ва назорати иҷрои Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» Толибова Р.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ-126.
Телефон: (+992-37) 225-81-56.
E-mail: n.omuzgor@maorif.tj
19 марти соли 2026.